**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Истифода бурдани заминҳои обёришаванда ва лалмии кишвар манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба шумор рафта, парвариш ва истеҳсоли зироатҳои равғандеҳ, аз қабили чормағзи заминӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани истеъмолии ватанӣ таъмин намуда, ҳамчун зироати лӯбиёгӣ ҳосилхезии хокро баланд мебардорад.

Чормағзи заминӣ [Arachis hypogaea] зироати яксолаи лӯбёгӣ буда, асосан барои дони серавғанаш парвариш карда мешавад. Вобаста ба навъҳо, шароити иқлимию хокӣ ва технологияи парвариш дар таркиби донаш аз 45 то 50 % равған ва 25 – 35 % сафеда мавҷуд аст. Ғайр аз ин, чормағзи заминӣ аз моддаҳои маъдании Ca, Mg, P, K, Fe бой буда, аз витаминҳои гуруҳи E, K ва B иборат мебошад.

Тадқиқотҳои унвонҷӯ Бегназаров Д.Б., дар асоси нақшаи барномаҳои корҳои илмию таҳқиқотии шӯъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон: “Офаридан ва коркарди технологияи парвариши навъҳои нави зироатҳои равғандиҳандаи сермаҳсули ба хушки тобовар ва гузаронидани зинаи аввали тухмипарварӣ” (рақами қайди давлатӣ 0102 ТД 887, муҳлати иҷрои солҳои 2011-2015) амалӣ гаштааст.

Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ҳосилнокии анбуҳи сабзи чормағзи заминӣ аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо вобастагӣ дорад. Кишти аввали моҳи июн бо зичии ниҳолҳои 116 ҳазор дар 1 га ҳосили анбуҳи сабз ба 270 с/га, воҳиди хӯрока 73 с/га ва сафедаи ҳазмшаванда ба 3,8 с/га баробар шудааст. Илман ба исбот расонидашуд, ки аз ҳар гектар замини обии кишти ангорӣ имконияти рӯёнидани 33,0 с/га ҳосили ғилофак, 20,4 с/га дон ва 9,0 с/га равғани растаниро таъмин менамояд.

Диссертатсияи Бегназаров Д.Б., бешубҳа зинаи ба анҷом расидаи таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ аҳамияти таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ дорад. Тавсияҳои унвонҷӯро дар шароити заминҳои обии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич аз рӯйи навгониҳои илмӣ, мазмуни илмию амалии натиҷаҳои

бадастовардашуда ба Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро шуда муаллифи он шоистаи сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад.

Муовини директор оид ба илм,
таълим ва тайёр намудани кадрҳои
илмии Институти хокшиносӣ ва
агрохимияи АИКТ, номзади илмҳои
биологӣ аз рӯи ихтисосӣ 02.03.13 - хокшиносӣ Салимов Қ.Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки,21а
E-mail: masud_salimov@mail. ru
Тел: (+992) 918-42-20-55; 904-40-40-98

Имзои Қ.Ҳ. Салимов – ро
тасдиқ мекунам: нозири кадрҳо Шабнами Р.